# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ЛОИҲАИ НБО РОҒУН

## МОНЕАҲОИ МУВАҚҚАТТИИ ОБИШӮР БАРОИ НИГАҲДОРИИ ТАҲШИНҲО

# АРЗЁБИИ АВВАЛИЯИ ЭКОЛОГӢ

17 АПРЕЛИ СОЛИ 2026

ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ КУШОДАИ «НБО РОҒУН»
Душанбе, Тоҷикистон

Танҳо барои истифодари расмӣ

# Мундариҷа

1. Муқаддима ... 3
2. Стандартҳои истифодашаванда ... 3
2.1. Стандартҳои миллӣ ... 3
2.2. Ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ... 8
2.3. Стандартҳои байналмилалӣ ... 8
2.4. Ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мувофиқасозиҳо ... 9
3. Тавсифи лоиҳа ва ҳолати ибтидоии муҳити зист ... 9
4. Таъсироти эҳтимолии экологӣ ва иҷтимоӣ ва чораҳои зарурии коҳишдиҳӣ ... 17
5. Нақшҳо ва ӯҳдадориҳо ... 20
6. Барномаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (БИЭИ) ... 21
7. Мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ ... 22

# Ҷадвалҳо

Ҷадвали 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи иҷтимоӣ ... **Error! Bookmark not defined.**
Ҷадвали 2. Андозаҳои оббандҳои нав ... 14
Ҷадвали 3. Механизмҳои татбиқ ... **Error! Bookmark not defined.**

# Расмҳо

Расми 1. Нақшаи умумии ҷойгиршавии оббанди Обишӯр ва иншооти поёнобии НБО-и Роғун. ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 2. Ҳавзаи обҷамъшавии Обишӯр (контури зард) ва шабакаи дренажӣ (ранги кабуд) ... 10
Расми 3. Сохтмони оббанди мавҷуда (солҳои 2010–2015) ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 4. Нишебии болообии оббанди мавҷуда (соли 2026) ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 5. Намунаҳои равандҳои кандашавӣ ва резиш дар нишебиҳои дара ... 12
Расми 6. Нишебиҳо камрастанӣ ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 7. Таҳшинҳои коллювиалӣ дар қаъри дара ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 8. Дараи Обишӯр болотар аз оббанди мавҷуда ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 11. Лоиҳаи консептуалии оббанди нав ... 14
Расми 10. Ҷойгиршавии чор оббанди нави пешниҳодшаванда ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 9. Навсозии оббанди мавҷудаи Обишӯр ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 12. Монеа барои нигоҳдории таҳшинҳо № 1 ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 13. Монеа барои нигоҳдории таҳшинҳо № 2 ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 14. Монеа барои нигоҳдории таҳшинҳо № 3 ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 15. Монеа барои нигоҳдории таҳшинҳо № 4 ... **Error! Bookmark not defined.**
Расми 16. Ҷойгиршавии маҳалҳои аҳолинишини мавҷуда ва собиқ дар наздикии дараи Обишӯр ... **Error! Bookmark not defined.**

# Акронимҳо ва ихтисорот

| | |
|---|---|
| БОР | Бонки осиёии рушд |
| БОСИ | Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ |
| БАС | Бонки аврупоии сармоягузорӣ |
| НФ | Намояндаи фармоишгар |
| МЭИ | Масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ |
| ҲМЗИСБ | Ҳифзи муҳити зист, соҳаи иҷтимоӣ, саломатӣ ва бехатарӣ |
| ИА | Иттиҳоди Аврупо |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МБШ | Механизми баррасии шикоятҳо |
| ҲМТБ | Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| НИҲМТБ | Нақшаи идоракунии ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| АИЭ | Арзёбии ибтидоии экологӣ |
| ҶСК | Ҷамъияти саҳомии кушода |
| ГТЛ | Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БУ | Бонки Умумиҷаҳонӣ |

# 1. Муқаддима

Лоиҳаи Неругоҳи барқи обии (НБО) «Роғун» аз ҷониби ҶСК «НБО Роғун» дар дарёи Вахш, тақрибан 110 километр шарқтар аз шаҳри Душанбе татбиқ карда мешавад. Бевосита дар самти поёноби сарбанди қисман сохташудаи Роғун, ба соҳили чапи дарёи Вахш шохоби он — дарёи Обишӯр мерезад. Хусусиятҳои геологии дараи Обишӯр боиси дар он ҷамъ шудани миқдори зиёди сангрезаҳо ва лойқа гардидаанд, ки ҳангоми омадани селҳо ба ҳаракат медароянд. Бо назардошти макони рехтани дарёи Обишӯр ба дарёи Вахш, чунин ҷараёнҳои сангреза ва лойқа метавонанд ба порталҳои обпарто ва дигар иншооти НБО-и Роғун зарар расонанд, инчунин барои идомаи сохтмони ҳавзи обпарто таҳдид эҷод кунанд.

Барои коҳиш додани хатари хисорот дар дараи Обишӯр, тақрибан як километр болотар аз макони пайвастшавӣ бо дарёи Вахш, оббанде сохта шуда буд (Расми 1). Боришоти шадид дар баҳори соли 2024 боиси омадани селҳо ва обхезӣ гардиданд, ки ба ин оббанд ва толори мошинҳои НБО-и Роғун зарар расониданд. Толори мошинҳо дар давоми чанд ҳафта дубора ба кор даровarда шуд, ва оббанд бошад, дар соли 2025 таъмир ва баланд карда шуд. Аммо барои боз ҳам коҳиш додани эҳтимоли ҳодисаҳои оянда, ки метавонанд ба инфрасохтори НБО-и Роғун таҳдид кунанд, болотар аз оббанди мавҷуда оббандҳои иловагӣ (инчунин ҳамчун монеаҳои муваққатӣ барои нигоҳдории таҳшинҳо маълуманд) сохта мешаванд. Ҳадафи ин иншоот боздоштан ва суст кардани ҳаракати сангҳо ва лойқа, инчунин пешгирии зарари оянда ва пуршавӣ ва рехтани об аз оббанди мавҷуда мебошад.

Сохтмони НБО-и Роғун қисман аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад ва ҳамаи лоиҳаҳое, ки аз Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағ мегиранд, таҳти амали Чаҳорчӯбаи экологӣ ва иҷтимоии Бонк ва Стандартҳои экологӣ ва иҷтимоии (СЭИ) марбута қарор доранд. СЭИ1 (Арзёбӣ ва идоракунии таъсирҳои экологӣ ва иҷтимоӣ) гузаронидани арзёбии таъсирҳои экологӣ ва иҷтимоии лоиҳаҳоро, ки ба хатарҳо ва оқибатҳо мутаносиб бошад, инчунин муайян кардани чораҳоро барои пешгирӣ ё коҳиш додани таъсир то сатҳи қобили қабул талаб мекунад. Арзёбии экологӣ ва иҷтимоии лоиҳаи НБО-и Роғун аз ҷониби ширкати WSP UK омода шуда, аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 2025 нашр гардид.
Бо мақсади иҷрои талаботи СЭИ1, ҶСК «Роғун» Арзёбии ибтидоии экологиро (АИЭ) омода намуд, ки дар он таъсирҳои эҳтимолии сохтмони монеаҳои муваққатии нав барои нигоҳдории таҳшинҳо (оббандҳо) арзёбӣ шуда, чораҳо оид ба пешгирӣ ё коҳиш додани ин таъсирҳо муайян карда мешаванд. `

# 2. Стандартҳои истифодашаванда

Лоиҳа тибқи созишномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, стандартҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва бехатарӣ, ки аз ҷониби ниҳодҳои молиявии байналмилалии дар ҳаммаблағгузорӣ иштироккунанда муқаррар шудаанд, инчунин қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

## 2.1. Стандартҳои миллӣ

Дар Ҷадвали 1 қонунҳои Тоҷикистон, ки ба нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дахл доранд, номбар гардида, инчунин ҳадафҳо ва аҳамияти онҳо барои лоиҳа оварда шудаанд.




**Расми 1. Нақшаи умумии ҷойгиршавии оббанди Обишӯр ва иншооти поёнобии НБО-и Роғун**

**Ҷадвали 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи иҷтимоӣ**

| *Санади қонунгузорӣ / Санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ* | *Ҳадаф /Вазифаҳои асосӣ* | *Татбиқпазирӣ нисбат ба Лоиҳа* |
|---|---|---|
| Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз соли 2003) | Ҳуқуқҳои шаҳрвандонро кафолат медиҳад ва аҳамияти ҳифзи муҳити зист ва ҳимояи иҷтимоиро, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ (моддаи 39), ҳифзи муҳити зист (моддаи 43), манъи табъиз (моддаи 14), ҳифзи табиат (моддаи 22), ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ (моддаи 32) ва ҳуқуқ ба мурочиат (моддаи 37)-ро эътироф менамояд. | Ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандонеро, ки дар Лоиҳа кор мекунанд ва ё татбиқи он ба онҳо таъсир мерасонад, таъмин менамояд. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (аз 21 июли соли 2011, № 208) | Муқаррар менамояд, ки сиёсати экологии Тоҷикистон бояд ба чораҳои экологӣ дар асоси принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда афзалият диҳад, инчунин мутобиқати фаъолияти иқтисодӣ ва дигар намудҳои фаъолиятро, ки ба муҳити зист таъсир мерасонанд, бо ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳо таъмин намояд.<br>Принсипҳои ҳуқуқии татбиқшаванда, объектҳои ҳифз, ваколатҳо ва нақши Ҳукумат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони воқеиро муайян мекунад. Қонун инчунин чораҳоро оид ба таъмини ҳуқуқҳои ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳида ба муҳити зисти бехатару солим пешбинӣ намуда, таъсиси низоми маҷмӯии экспертизаи экологӣ ва арзёбии таъсири экологии (АТЭИ) ҳар як қарор дар бораи фаъолиятеро, ки метавонад ба муҳити зист таъсири манфӣ расонад, талаб менамояд. | Масъалаҳои ҳифзи захираҳои табииро, ки дар рафти татбиқи лоиҳа метавонанд таҳти таъсир қарор гиранд, танзим менамояд. |
| Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ» (аз 16 апрели соли 2012, № 818) | Принсипҳо ва тартиби гузаронидани экспертизаи экологиро муқаррар менамояд ва ба пешгирии таъсири зараровари фаъолияти тарҳрезишаванда ба муҳити зист, инчунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии вобаста ба он нигаронида шудааст. | Муқаррар менамояд, ки ҳангоми гузаронидани арзёбӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон, гузаронидани экспертизаи мустақили экологӣ зарур аст. Лоиҳаи мазкур баррасӣ ва тасдиқро аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист (КҲМЗ) талаб намекунад. |
| Қонуни ҶТ «Дар бораи арзёбии таъсири экологӣ» (аз 18 июли соли 2017, № 1448) | Муқаррароти умумӣ дар бораи АТЭ, аз ҷумла принсипҳои арзёбии таъсири экологӣ; ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ; тартиби гузаронидани АТЭ, аз ҷумла талаботи ҳатмӣ ва марҳилаҳои раванд. Дар он инчунин нақш, ҳуқуқ ва вазифаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар раванди АТЭ, инчунин | КҲМЗ тасдиқ кард, ки барои лоиҳаи мазкур гузаронидани арзёбӣ талаб карда намешавад. **ААЭ**-и ҷорӣ дар ҳамон шакле омода шудааст, ки агар он ҳатмӣ мебуд ва инчунин мутобиқи талаботи Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳия гардидааст. |

| *Санади қонунгузорӣ / Санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ* | *Ҳадаф /Вазифаҳои асосӣ* | *Татбиқпазирӣ нисбат ба Лоиҳа* |
|---|---|---|
| | ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилоот дар бораи АТЭ муайян шудаанд. | |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» (аз 25 марти соли 2011) | Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини мониторинги экологиро муайян менамояд. | Талаботро нисбат ба мониторинги таъсири эҳтимолии лоиҳа ба муҳити зист ва соҳаи иҷтимоӣ ба танзим медарорад. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» (аз 26 декабри соли 2011) | Қонуни мазкур принсипҳо ва тартиби гузаронидани аудитҳои экологиро муайян мекунад. | Талаботро нисбат ба ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳа ва аудитҳо дар марҳилаи сохтмон ба танзим медарорад. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» (аз 5 январи соли 2008) (бо тағйиру иловаҳое, ки бо Қонуни ҶТ аз 24.12.2022, № 1937 ворид карда шудаанд) | Принсипҳои умумии ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи оқилонаи олами ҳайвонот. Он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти соҳаро муқаррар намуда, ба ҳифз ва барқарорсозии захираҳои олами ҳайвонот таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамояд. | Чораҳоро оид ба ҳифзи олами ҳайвонот дар ҳолате, ки агар он таҳти таъсир қарор гирад, пешбинӣ менамояд. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами наботот» (соли 2004, бо тағйиру иловаҳо аз соли 2008) | Қонуни мазкур принсипҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифз ва истифодаи оқилонаи олами наботот муайян намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар ин соҳа муқаррар менамояд ва ба нигоҳдорию такрористеҳсоли захираҳои олами наботот нигаронида шудааст. | Дар ҳолати таҳти таъсири татбиқи Лоиҳа қарор гирифтани намудҳои арзишманди олами наботот, қабули чораҳоро оид ба ҳифзи онҳо талаб менамояд. |
| Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2011) | Танзими хоҷагии ҷангалро амалӣ намуда, ба ташкили истифодаи ҷангалҳо, нигоҳдорӣ ва ҳифзи онҳо, нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани муҳити табиӣ, инчунин ҳифзи маҳсулоти чӯбу тахта ва маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудааст. | Таъмини ҳифзи ҷангалҳоро дар ҳолате, ки агар онҳо дар раванди татбиқи Лоиҳа таҳти таъсир қарор гиранд, талаб менамояд. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» (соли 2012) | Механизми иқтисодии ҳифзи ҳавои атмосфера, аз ҷумла ҳадафҳои он, манбаъҳои маблағгузории чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҳавои атмосфера ва пардохтҳо барои ифлосшавии ҳавои атмосфераро (дар доираи меъёрҳои муқарраршуда ва берун аз он) муайян менамояд. | Таъмин намудани ҳифзи кормандони майдони сохтмон ва аҳолии маҳаллаҳои наздик аз таъсири манфӣ ба сифати ҳаво дар давраи сохтмон. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» | Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо мақсади истифодаи оқилона | Талаботро оид ба нигоҳдории хок дар ҳолатҳои имконпазир ҳангоми корҳои кушодани қабатҳои замин, захира кардан ва истифодаи дубораи |

| *Санади қонунгузорӣ / Санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ* | *Ҳадаф /Вазифаҳои асосӣ* | *Татбиқпазирӣ нисбат ба Лоиҳа* |
|---|---|---|
| (аз 16 октябри соли 2009) | ва эҳтиёткоронаи хок, нигоҳдории сифат, ҳосилхезӣ ва ҳифзи он аз зуҳуроти манфӣ муайян менамояд, инчунин маҷмӯи муносибатҳои марбут ба ҳифзи хокро танзим мекунад. | он, агар эҳтимоли зарар дидани хок мавҷуд бошад, муайян менамояд. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ» (соли 2005, бо тағйироти охирин аз соли 2011) | Принсипҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифода, интиқол, безараргардонӣ ва гӯронидани партовҳоро муқаррар менамояд. | Нест кардани партовҳои санитарӣ бояд мувофиқи талаботи Қонуни мазкур амалӣ карда шавад. |
| Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2000, бо тағйироти охирин аз соли 2012) | Принсипҳои идоракунии захираҳои об, додани иҷозатномаҳо, ҳалли баҳсҳо, банақшагирии истифодаи об ва пешбурди кадастрро муқаррар менамояд. Ба истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об аз ҷониби ҳамаи истифодабарандагони онҳо мусоидат мекунад, инчунин намудҳои ҳуқуқ ба истифодаи об, ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар соҳаи тақсимоти захираҳои об байни истифодабарандагони гуногун, ситонидани ҳаққи истифода, банақшагирии истифодаи об, ҳуқуқ ба истифодаи об ва ҳалли баҳсҳо муайян менамояд. | Дар ҳолати зарурати истифодаи об, гирифтан ва истифодаи он бояд мувофиқи қонун амалӣ карда шавад. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъминоти об» (29 декабри 2010 | Доираи ҳуқуқӣ, ташкилотӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро барои таъминоти оби нӯшокӣ муқаррар мекунад. Давлат таъминоти оби нӯшокӣ ва бартарафсозии оби партовӣ, инчунин сифат ва бехатарии оби нӯшокиро кафолат медиҳад. | Кафолат медиҳад, ки кормандон бо оби нӯшокӣ бехатар таъмин шаванд ва партовҳои санитарӣ дуруст партофта мешаванд. |
| Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1413 аз 30 майи 2017 (бо тағйиротҳои воридшуда бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1762 аз 29 январи 2021 | Ин Кодекс муносибатҳои иҷтимоиро дар соҳаи тандурустӣ танзим намуда, барои таъмини амалӣ шудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва ҳифзи саломатии ҷамъиятӣ равона шудааст. | Ҳуқуқи кормандонро ба хизматрасонии тиббӣ таъмин мекунад |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти | Асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии пешниҳоди иттилооти экологиро муайян намуда, ҳуқуқи | Ифшо ё паҳн кардани иттилоот дар бораи Лоиҳаро талаб намекунад. |

| *Санади қонунгузорӣ / Санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ* | *Ҳадаф /Вазифаҳои асосӣ* | *Татбиқпазирӣ нисбат ба Лоиҳа* |
|---|---|---|
| экологӣ» (соли 2011) | шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани иттилооти экологии пурра, саҳеҳ ва саривақтӣ муқаррар менамояд. Моддаи 4 ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти экологиро кафолат медиҳад ва Моддаи 8 шартҳои маҳдуд кардани чунин дастрасиро муайян мекунад. | |
| Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2016) | Талаботро барои корфармоён ва кормандон, аз ҷумла манъи табъиз, синну соли ҳадди ақал барои бо кор таъмин шудан, муносибатҳои меҳнатӣ, хусусияти ихтиёрии шуғл, музди меҳнати ҳадди ақал, рухсатиҳо, кори изофавақт, инчунин муқаррарот дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои занони ҳомила ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ оид ба нигоҳубини кӯдакон ва тартиби ҳалли баҳсҳо байни кормандон ва корфармоёнро муайян менамояд. | Ҳифзи ҳуқуқҳои кормандон, занон ва кӯдаконро таъмин менамояд. Ба амалияи идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар доираи Лоиҳа дохил карда шудааст. |

## 2.2. Ӯҳдадориҳои байналмилалӣ

Уҳдадориҳои асосии байналмилалие, ки ба Лоиҳа татбиқ мегарданд, конвенсияҳои байналмилалии Созмони Ҷаҳонии Меҳнат (СҶМ) мебошанд, ки дар қонунгузории Тоҷикистон тасвиб шудаанд. Ба онҳо инҳо дохил мешаванд:

- Дар бораи меҳнати маҷбурӣ (C029) ва Дар бораи барҳам додани меҳнати маҷбурӣ (C105)
- Дар бораи ҳадди ақали синну сол (C138) ва Дар бораи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон (C182)
- Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл (C111)
- Дар бораи озодии иттиҳодияҳо ва ҳифзи ҳуқуқ ба ташкилот (C087)
- Дар бораи ҳуқуқ ба ташкилот ва пешбурди гуфтушунидҳои дастҷамъӣ (C098)
- Дар бораи музди меҳнати баробар (C100)

Талаботи ин конвенсияҳо ба низоми танзими меъёрию ҳуқуқии Кодекси меҳнат ва дар навбати худ ба Тартиби идоракунии захираҳои меҳнатии лоиҳаи НБО Роғун ворид карда шудаанд.

## 2.3. Стандартҳои байналмилалӣ

Ба Лоиҳа стандартҳои институтҳои молиявии байналмилалии (ИМБ) гуногун, ки барои НБО-и Роғун маблағгузорӣ пешниҳод менамоянд ё пешниҳод кардани онро ба нақша гирифтаанд, татбиқ карда мешаванд. Ба онҳо, ҳадди ақал, инҳо дохил мешаванд:

- Бонки Умумиҷаҳонӣ: Чаҳорчӯбаи экологӣ ва иҷтимоӣ (2018) ва Стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ), ки нисбат ба Қарзгирандагон татбиқ мешаванд. Таҷрибаи пешрафтаи байналмилалии соҳавии дахлдор Дастурамали умумии Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, саломатӣ ва меҳнат (ҲМЗСМ), инчунин Дастурамал оид ба ҲМЗСМ ҳангоми истихроҷи маводи сохтмониро дар бар мегирад.

СЭИ дар Арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ (АТЭИ) барои НБО-и Роғун муфассал шарҳ дода шудаанд.

- Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ (БАС): Чаҳорчӯбаи экологӣ ва иҷтимоӣ (ESSF), ки аз сиёсати соҳаи ЭваИ (2022) ва стандартҳои безнигаришудаи ЭваИ (2022) иборат аст, инчунин Дастурамали БАС оид ба масъалаҳои экологӣ, иқлимӣ ва иҷтимоӣ ҳангоми рушди гидроэнергетика (2019).

- Бонки Осиёии Рушд (БОР): Изҳороти сиёсат оид ба чораҳои муҳофизатӣ (2009) ва ҳуҷҷатҳои дахлдор оид ба чораҳои муҳофизатӣ.

- Бонки Осиёии Сармоягузориҳои Инфрасохторӣ (БОСИ): Чаҳорчӯбаи экологӣ ва иҷтимоӣ (2019, 2021, 2022 ва 2024).

- Стандартҳои дигар Қарздиҳандагон, аз ҷумла Бонки Исломии Рушд, Бонки Авруосиёии Рушд, Хазинаи Саудии Рушд (ХСР) ва Хазинаи Кувайт оид ба рушди иқтисодии араб.

### 2.4. Ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мувофиқасозиҳо

Кумитаи ҳифзи муҳити зист тасдиқ намуд, ки гирифтани ягон гуна иҷозатнома ё мувофиқасозии расмӣ талаб карда намешавад.

## 3. Тавсифи лоиҳа ва ҳолати ибтидоии муҳити зист

Ба ҳам пайвастани дарёҳои Обихингов ва Сурхоб дарёи Вахшро ташкил медиҳад, ки аз шимолу шарқ ба ҷанубу ғарб ҷорӣ шуда, қаторкӯҳҳои Қаротегин ва Вахшро аз ҳам ҷудо мекунад. Сарфи миёнаи бисёрсолаи солонаи об дар дарёи Вахш тақрибан 870 м³/с-ро ташкил медиҳад, ҳангоми сарфи ҳадди ақал 139 м³/с дар моҳи феврал ва сарфи ҳадди аксар — 1760 м³/с дар моҳҳои июл ва август. Шохобҳои асосии калони канории Вахш дар ҳудуди обанбори оянда дарёҳои Муҷихарф, Ҳакимӣ, Обигарм ва Дараиқумоқ мебошанд.

Сарчашмагирии асосии дарё бо фаровасии обу ҳавои гарм, одатан дар моҳи апрел, оғоз меёбад. Қуллаи обхезӣ дар дарёҳои камарбанди поёнии кӯҳӣ дар моҳи май, вақте ки обшавии асосии барф ба амал меояд ва боришоти фаровон мебоexternal, шурӯъ мешавад. Қуллаи дуюми обхезӣ ба моҳҳои июл ва август рост омада, аз обшавии барф ва ях дар баландкӯҳҳо ба вуҷуд меояд. Паст шудани обхезӣ нисбат ба баланд шудани он тадриҷан сурат мегирад ва то моҳи октябр давом мекунад. Сипас давраи пастобӣ оғоз меёбад, ки шаш моҳ давом мекунад. Дар ин давра оби дарёҳо аз ҳисоби обҳои зеризаминӣ таъмин мешавад. Шиддати шусташавии таҳшинҳои ковок дар ҳавзаи дарёи Вахш то 2900 т/км² мерасад; тиратобии миёна зиёда аз 4000 г/м³-ро ташкил медиҳад.

Водии Вахши Боло сохтори «муҳрамонанд» дошта, бо пайдарҳамии қитъаҳои танг ва васеъ тавсиф мешавад. Гузаришҳо байни қитъаҳо одатан тез ҳастанд. Қитъаҳои танги водӣ, ки «муҳраҳои тасбеҳ»-ро аз ҳам ҷудо мекунанд, одатан профили кӯндалангии V-шакл доранд. Водии дарё дар ин қитъаҳо ҳама ҷо ба ҷинсҳои бунёдӣ фурӯ рафта, бо террасаҳои сустинкишофёфта тавсиф мешавад. Агар террасаҳо мавҷуд бошанд ҳам, онҳо хеле танг (на бештар аз чанд даҳҳо метр) ва кӯтоҳ мебошанд. Қитъаҳои васеъшудаи водӣ бо профили кӯндалангии V-шакли хуб инкишофёфта ва бо инкишофи васеи террасаҳо тавсиф меёбанд. Дар баъзе ҷойҳо паҳноии «муҳраҳои тасбеҳ» ба 3,5–4 км мерасад.

Селҳо дар минтақаи лоиҳа падидаи хеле маъмуланд, ва хатари бавуҷудоии онҳо аз марҳилаи тарроҳии техникӣ, вақте ки сохтмони иншооти муҳофизатӣ дар ҷӯйбори Обишӯр баррасӣ мешуд, омӯхта мешавад. Дар ин шохоби соҳили чап обхезиҳои шадид ба қайд гирифта шудаанд, ки баъзеи онҳо ба басташавии муваққатии дарёи Вахш оварда расониданд. Аксари селҳо дар фаслҳои боронӣ дар моҳҳои май ва июн рух медиҳанд. Дар давраи байни солҳои 1971 то 1991 онҳо на камтар аз як маротиба дар як сол рух медоданд. Ҳаҷми ҳадди аксар тақрибан 3 100 млн $м^3$ дар соли 1983 ва 1185 млн $м^3$ дар соли 1992 арзёбӣ мешавад. Селҳо сарчашмаи омехта дошта, аз боришоти барфию пиряхӣ ва боронҳои сахт иборатанд. Манбаъҳои асосии ҷараёни сахти селҳо қабати бодхӯрда ва массивҳои қадимаи лағжиш мебошанд. Равандҳои дигар ярчҳо, солифлюксия ва эрозияи нишебиро дар бар мегиранд.

Дарёи Обишӯр ба дарёи Вахш аз соҳили чап бевосита поёнтар аз сарбанди НБО-и Роғун, дар наздикии порталҳои баромади толори мошинҳои Роғун ва қариб рост ба он ҷое мерезад, ки оби обпартоҳои асосӣ ба он ҷой мерезад (ниг. Расми 1). Баъзе қитъаҳои шохобҳои болоии Обишӯр бо нишебиҳои ҳамвортар ва қисман ҷангалпӯш тавсиф мешаванд, ва маҷро/соҳилҳо таҳшинҳои ковок ва шағал доранд (Расми 2). Дар қисми миёна (тақрибан 7 км) водии дарё қариб зери кунҷи рост тоб мехӯрад, ва нишебиҳои ҳамвор бо таҳшинҳои аллювиалӣ пӯшонида шудаанд. Водӣ дар қисми поёна (тақрибан 5,5 км) ва поёнтар аз сарбанд дараи тангро бо нишебиҳои нишеб ва қариб амудӣ ифода мекунад, ки аз таҳшинҳои аллювиалӣ ва ярчҳои зуд-зуд рухдиҳанда иборатанд. Дар маҷмӯъ, дарёи Обишӯр 13 шохоби доимӣ ва муваққатиро дар бар мегирад, ки ҳар яки онҳо ба ташаккулёбии ҷараёнҳои селӣ дар маҷрои асосӣ саҳм мегузоранд. Ҳаҷми умумии таҳшинҳои эҳтимолан ҷойивазшаванда дар ҳавза ба 60–65 миллион метри кубӣ арзёбӣ мешавад.




**Расми 2. Ҳавзаи обҷамъкунии Обишӯр (контури зард) ва шабакаи обпартоӣ (кабуд)**

Манбаъ: Осеби сарбанди Обишӯр ва оқибатҳои эҳтимолии он ба Лоти 2. Номаи ирсолшуда ба намояндаи Фармоишгар аз 24 июни соли 2024.

Обишӯр дар қисми зиёди сол хушк боқӣ мемонад, аммо дар давраҳои боронҳои шадид ба обхезиҳои ногаҳонӣ ва ҷараёнҳои калони селӣ дучор мешавад. Дар байни солҳои 2010 то 2015 барои ҳифзи иншооти НБО аз ин ҷараёнҳои селӣ сарбанди муҳофизатӣ аз сел дар Обишӯр тақрибан дар як километр болотар аз ҷойи ба ҳам пайвастан бо Вахш сохта шуд (Расми 3). Баландии сарбанд 60 метр буда, он 253 720 метри кубии бетонро дар бар мегирад..

Пас аз обхезӣ ва сели соли 2024, баландии сарбанд дар соли 2025 ба 10 метри иловагӣ афзун карда шуд ва ба тамғаи 1125 метр аз сатҳи баҳр расид; сӯрохиҳое, ки барои гузаронидани таҳшинҳо пешбинӣ шуда буданд, бо мақсади кам кардани осеб ба сохтор тағйир дода шуданд, ва қисми зиёди ҷинсҳои шикастпораю таҳшинҳои ҷамъшуда тоза карда шуданд. Ҳаҷми умумии иқтидори ҷамъкунӣ дар боло аз ин сарбанд дар айни замон 390 000 метри кубро ташкил медиҳад. Иншоот дар Расми 4 нишон дода шудааст.

Бевосита дар боло аз банди мавҷуда, водии Обишӯр бо нишебиҳои шадид, ҷарҳои чуқур ва ҷараёнҳои пурзӯри селӣ тавсиф мешавад, ки аз фурӯравии нишебиҳо ва лағжишҳо ба вуҷуд меоянд. Намунаҳои равандҳои ҷойивазкунии массаҳо, ки дар баъзе ҷойҳо рух додаанд, дар Расми 6 нишон дода шудаанд. Дар доманаи нишебиҳо сангҳои калон ва хурд тудаи сангрезаҳоро ташкил медиҳанд. Нишебиҳо асосан ранги хокистарранги хокистармонанд доранд, аммо дар баъзе ҷойҳо қитъаҳои сурхчаранги ҷинсҳои сангӣ намоёнанд, ки аз заминаи асосӣ фарқ мекунанд. Ҳатто дар ҷойҳое, ки растанӣ мавҷуд аст, сатҳи нишебӣ нобаробар ва дар баъзе ҷойҳо резанда буда, бо маводи сангӣ пӯшида аст. Дар қисми марказии водӣ ҷари танги амудӣ (обгузар) мегузарад, ки аз ҷараёни об ва эрозияи сатҳи таҳшинҳои коллювиалӣ ба вуҷуд омадааст. Сангҳои хурдтар, гил ва ҷинсҳои таҳшинӣ ба поён ҷорӣ шуда, дар ин маҷро то умқи номуайян ҷамъ шудаанд.



**Расми 4. Нишебии болооби оббанди мавҷуда (2026)**

Қисми болоии аксари нишебиҳо бо растании камшумор пӯшонида шудааст, ки аз буттаҳо ва дарахтони хурд иборат аст, ва дар баъзе ҷойҳо — аз миқдори ками алаф (Расми 6). Маҷрои ҷӯйборҳо дар маҷрои асосӣ ва шохобҳо дар қисми зиёди сол хушк боқӣ мемонанд, ва оби сатҳӣ танҳо пас аз боронҳо ва обшавии барф ба вуҷуд меояд. Дар ин давраҳо ҷараён ба поён одатан аз байни таҳшинҳои аллювиалӣ ва коллювиалӣ мегузарад, на дар рӯи сатҳ. Поёнтар аз сарчашмаҳои шохобҳо оби сатҳӣ танҳо пас аз боронҳои тӯлонӣ ё тӯфонҳои шадид ба вуҷуд меояд. Боронҳои шадид, махсусан дар якҷоягӣ бо обшавии баҳории барф, метавонанд обхезиҳои селӣ ба вуҷуд оранд, ки ба ҷойикунии шикастпораҳо, махсусан маводи майда оварда мерасонанд, ва ин метавонад боиси ҷараёнҳои селӣ дар поён гардад, ки (тавре қайд карда шуд) ба банди мавҷуда дар соли 2024 осеб расонданд.



**Расми 1. Намунаҳои тавлиди мавод аз деворҳои водӣ**

Гуногунии биологии заминӣ дар водӣ ниҳоят маҳдуд аст. Гарчанде таҳқиқот гузаронида нашудааст, эҳтимоли хеле кам аст, ки дар ин ҷо намудҳои заминӣ ё обӣ, ки аҳамияти ҳифзи табиат доранд, ҳатто аҳёнан вохӯранд, ки ин аз сабаби набудани муҳити зисти мувофиқ аст ва аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист тасдиқ шудааст. Қаъри водӣ асосан коллювии сангини



**Расми 6. Нишебиҳо камрастанӣ**

безироатро ифода мекунад. Вақте ки дар сатҳи болоӣ оби ҷорӣ пайдо мешавад, тавре ки дар натиҷаи боронҳо ва обшавии барфи ахир дар вақти аксбардорӣ ба амал омад, он аз маҷрои танг, ки ба поёни водӣ фуромада меравад, ҷорӣ мешавад, тавре ки дар Расмҳои 7 ва 8 нишон дода шудааст.



**Расми 7. Таҳшинҳои коллювиалӣ дар қаъри дара**

Сифати ҳаво дар водӣ дар маҷмӯъ хуб аст; ягона манбаи ифлосшавӣ чангест, ки дар натиҷаи сохтмони НБО-и Роғун, ки дар чанд километр дуртар ҷойгир аст, ба вуҷуд меояд. Ба ғайр аз зарраҳои майдае, ки ҷараёни об ҳангоми гузаштан аз қабати коллювиалии эрозияшуда мебарад, дигар манбаъҳои ифлосшавӣ, ки ба сифати об таъсир расонида тавонанд, вуҷуд надоранд; интизор шудан мумкин аст, ки ин ба тиратобии ниҳоят баланди об оварда мерасонад.



Танҳо барои истифодари расмӣ



Расми 8. Дараи Обишӯр болотар аз оббанди мавҷуда

Бо мақсади пешгирии такрори ҳодисаҳои соли 2024, ки дар натиҷаи онҳо оббанди муҳофизатии мавҷуда осеб дид ва ба объектҳои НБО-и Роғун таҳдид ба вуҷуд омад, ҶСК навсозии оббанди муҳофизатии мавҷударо анҷом медиҳад ва чор оббанди муҳофизатии нав дар боло аз оббанди мавҷуда месозад. Ин оббандҳои нав иншооти доимӣ нахоҳанд буд, балки барои мӯҳлати истифодабарии тақрибан дусола ҳисоб карда шудаанд, то он даме ки иншооти доимӣ тарроҳӣ ва сохта шаванд. Мақсади сохтмони чор оббанди нави боздоранда аз таъмини муҳофизати иловагӣ ба корҳои ҷорӣ оид ба бунёди ҳавзи обпартоӣ дар дарёи Вахш иборат аст, бо роҳи:

- Таъмини ҳаҷми нигоҳдории таҳшинҳо ва таҳнишастҳо ба андозаи 510 000 метри кубӣ
- Кам кардани эрозияи умумии маҷрои дарё тавассути паст кардани суръати ҷараён, ташаккули шакли «зинамонанди» маҷро ва васеъ кардани маҷро.




Расми 9. Навсозии оббанди мавҷудаи Обишӯр

Пешбинӣ мешавад, ки пудратчӣ барои иҷрои ин корҳо коргарони иловагӣ ҷалб намекунад, балки ба истифодаи коргароне идома медиҳад, ки дар соли 2025 корҳои навсозии оббанди мавҷударо ба анҷом расониданд ва айни замон дар сохтмони НБО-и Роғун машғуланд. Дар маҷмӯъ ба лоиҳаи «Обишӯр» тақрибан 80 коргар ҷалб карда шудаанд; иҷрои корҳо 25–30

фоизро ташкил медиҳад (ба ҳолати ибтидои апрели соли 2026) ва анҷоми корҳо то моҳи майи соли 2026 интизор меравад.

Навсозии оббанди мавҷуда насби иншооти иловагии муҳофизат аз ҷараёнҳои селиро дар тарафи болоии оббанд пешбинӣ мекунад, тавре ки дар Расми 9 нишон дода шудааст. Инҳо барои пешгирии воридшавии маводи калонҳаҷм ва осеб расонидан ба тарафи поёнии оббанд пешбинӣ шудаанд.

